آوازتاجيك

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

17 августи соли 2022
Чоршанбе
№ 65 (14870)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ХАЛҚ АЗИЗ, ИНСОН АЗИЗ

# ДАР НАТИҶАИ КОРҲОИ СОЗАНДАГӢ СИМОИ ҲУДУД ТАҒЙИР МЕЁБАД

***Шаҳри Қаршӣ, ки дар маркази ноҳияи Қаршии вилояти Қашқадарё ҷойгир аст, ҳудуди калонро ишғол мекунад. Дар натиҷаи корҳои васеъмиқёсе, ки солҳои охир дар маркази ноҳия ва маҳаллаҳо амалӣ гардонда мешаванд, симои он ба куллӣ тағйир меёбад.***

Масалан, варзишгоҳи маркази «Бешкент»-и маркази ноҳия солҳои зиёд беэътибор гузошта шуда, амалан бекор мехобид. Ҳоло он ҳам мисли бисёр дигар иншоотҳои Ўзбекистон таъмир карда мешавад.

Ҷавонони маҳаллаи «Навбаҳор», ки варзишгоҳ дар он ҷо ҷойгир аст, муттаҳид шуда, ба «Буҷаи ташаббускор» лоиҳаҳои худро оид ба таъмири варзишгоҳ пешниҳод намуданд. Пешниҳоди онҳоро маъқул дониста, барои таъмир 14 миллиард сӯм ҷудо карда шуд. Дар натиҷа дар муҳлати кӯтоҳ корҳо оид ба таҷдиди варзишгоҳ оғоз ёфтанд.

– Як вақтҳо ин варзишгоҳ иншооти замонавии варзишӣ ба ҳисоб мерафт, – ба хотир меорад Эркин Алланазаров, ки ба қарибӣ 70-сола мешавад. – Дар ин мавзеъ ҷашнҳои бузург, сайрҳои мардумӣ, чорабиниҳои тантанавӣ барпо мегардиданд. Ноҳияи мо ҳатто тими миллии худро дошт. Ҳамеша машқҳо гузаронда мешуданд. Ҷавонони маҳалла ҳамаи инро диданд, шавқу ҳавасашон ба футбол афзуд. Аммо дар даврае эътибор ба варзиш суст шуд. Дар натиҷа майдончаи варзишӣ беназорат монд. Ҷавонони мо аз имкониятҳои Президенти кишвар истифода бурда, дар озмуни лоиҳаи «Буҷети ташаббускор» ғолиб омаданд. Боварӣ дорам, ки дар рӯзҳои наздик варзишгоҳи мо намуди ҷолиб ба бар мекунад.

Тавре ки ҳокими ноҳия Бекзодҷон Юсупов қайд намуд, низоми обёрии варзишгоҳ беҳтар гардида, то анҷоми корҳои сохтмонӣ фарши сабзи он аъло хоҳад буд. Мо бо клуби «Насаф» ба мувофиқа расидем, ки пас аз бозсозии комил варзишгоҳи марказӣ ҳамчун пойгоҳи нави тамринии клуб хидмат хоҳад кард.

Аз қиёфаи замонавӣ гирифтани варзишгоҳ ҳама манфиатдоранд. Барои ҷавонон маҷмӯи беҳтарини варзишӣ сохта хоҳад шуд. Дар атрофи варзишгоҳ соҳаи хидматрасонӣ ривоҷ меёбад. Имконияти ба даст овардани даромади иловагӣ пайдо шуда, ҷойҳои нави корӣ созмон дода мешаванд.

Дар «пайроҳаи саломатӣ», ки дар кӯчаи Мустақиллики ноҳияи Қаршӣ сохта мешавад, кор дар ҷӯшу хӯруш аст. Дар кӯчаҳои марказӣ роҳҳои пиёдагард сохта мешаванд, ки сайри бехавфи пиёдагардонро таъмин мекунад.

Бо мақсади тағйир додани симои меъмории кӯчаи Мустақиллик, ки аз ҳудуди маҳаллаҳои «Бунёдкор», «Работ», «Бодомзор», «Қӯйибешкент» мегузарад, ба он намуди замонавӣ бахшидан ва аз ҳама муҳимаш таъмини бехатарии пиёдагардон ва велосипедронҳо «пайроҳаҳои саломатӣ»-и дарозиаш 3,5 километр ва бараш 3,5 метр сохта мешаванд.

— Кӯчаи Мустақиллик, ки аз маҳаллаи мо мегузарад, хеле серодам аст, – мегӯяд фаъоли ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қӯйи Бешкент» Ботир Яхшиев. – Бо ин роҳ фарзандони мо ба мактаб, аҳолӣ бошад, ба маркази ноҳия мераванд. То вақтҳои охир хусусан дар шароити обу ҳавои номусоид ин корро анҷом додан осон набуд. Бо ташаббуси роҳбарияти ноҳияи мо акнун вазъият тағйир меёбад, ки сокинони мо аз он беандоза шоданд.

Бояд гуфт, ки роҳҳо дар маҳаллаҳои ноҳия ҳамеша масъалаи доғ буд. Қисми асосии маблағҳое, ки аз рӯи лоиҳаи «Буҷети ташаббускор» ба даст оварда шудаанд, 10 миллиарду 38 миллион сӯм, ба ободии роҳҳо равона карда мешаванд.

Дар тӯли солҳои зиёд аҳолии деҳаи дурдасти Поштон аз вайрон шудани роҳҳои дохилӣ азоб мекашид. Имсол ҷавонони деҳот муттаҳид шуда, дар доираи лоиҳаи «Буҷаи ташаббускор» барои таъмири роҳҳои дохилӣ қариб 1 миллиард сӯм бурд карданд. Дар натиҷа беш аз 2 километр роҳҳои деҳа асфалтпӯш карда шуданд.

– Вақте, ки роҳҳои деҳаи мо мумфарш карда мешуданд, ман ҳанӯз ҷавон будам, – мегӯяд Бозорбува Дулапови 82-сола. – Ин тахминан солҳои 82-уми асри гузашта буд. Аз он вақт инҷониб роҳҳо умуман таъмир карда нашудааст. Дар тобистон чангу хок ва тирамоҳу баҳор лой то зону мебаромад. Шукри Худо ҷавонони деҳот ташаббус нишон дода, дар таъмири роҳ ғолиб шуданд. Мо аз истиқлолияте, ки чунин имкониятҳоро фароҳам овард, хеле миннатдорем.

Корҳои созандагие, ки дар маҳаллаҳо ба ҷо оварда мешаванд, назаррас буда, дар замири онҳо як мақсади нек – баланд бардоштани дараҷаи некӯҳолии мардум ниҳон аст.

**Ўлмас БАРОТОВ,**
**мухбири ЎзА.**

# ПРЕЗИДЕНТҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РУСИЯ МАСЪАЛАҲОИ ГУСТАРИШИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИҲОИ ГУНОГУНҶАНБАРО БАРРАСӢ КАРДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 16 август бо Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Рӯзномаи кунунии муносибатҳои дуҷонибаи шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ баррасӣ гардида, оид ба масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт.

Ба татбиқи амалии созишномаҳои сатҳи олӣ, аз ҷумла пешбурди лоиҳаҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар сатҳи минтақаҳо ва соҳибкории Ўзбекистон ва Русия таваҷҷуҳи хоса дода шуд.

Бояд гуфт, ки дар зарфи ҳафт моҳи соли ҷорӣ муомилоти мол 30 фоиз афзуд. Дар баробари ин афзоиши нишондиҳандаҳои савдо аз ҳисоби вусъати интиқоли тарафайни молҳои арзиши иловагиашон баланд таъмин карда мешавад.

Миёни минтақаҳо табодули фаъол ва пурсамар ба роҳ монда шуда, тирамоҳи соли ҷорӣ баргузории Форуми сеюми минтақаҳои Ўзбекистону Русия ба нақша гирифта шудааст. Татбиқи лоиҳаҳои муҳими сармоягузорӣ ва барномаҳои фарҳангию башардӯстона идома дорад.

Дар рафти мулоқот роҳбарони Ўзбекистон ва Русия зарурати минбаъд васеъ гардондани ҳамкории бисёрҷанбаро байни кишварҳоямон, пеш аз ҳама аз ҳисоби идомаи корҳои муштарак оиди бо мазмуни аниқ ва хушсифат амалан ғанӣ гардондани ҳамкорӣ қайд намуданд.

Ҳамчунин ҷадвали баргузории чорабиниҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи дарпешистода баррасӣ шуд. Сарони давлатҳо ба масъалаҳои ташкил ва баргузории ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай дар моҳи сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд алоҳида таваҷҷуҳ карданд.

Суҳбати телефонии Президенти Ўзбекистон ва Президенти Русия дар фазои анъанавии созанда, кушод ва дӯстона сурат гирифт.

**ЎзА.**

# ТОШКАНД ВА АР-РИЁЗ БА КОРИ ЯКҶОЯ БАРОИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ НАВИ САРМОЯГУЗОРӢ ОМОДААНД

***Воситаҳои ахбори оммавии Арабистони Саудӣ ва мамлакатҳои дигар «хабари доғ»-ро дар бораи ташрифиояндаи Президент Шавкат Мирзиёев ба шоҳигарӣ паҳн менамоянд.***

Иттиҳоди агентиҳои хабарии Ташкилоти ҳамкории исломӣ, аз ҷумла менависад, ки Президент Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Шоҳ Салмон бин Абдулазиз ал-Сауд 17-18 август бо ташрифи давлатӣ аз Арабистони Саудӣ боздид ба амал меорад.

Таъкид мегардад, ки зимни ташриф дар Ҷидда гуфтугӯҳо дар дараҷаи олӣ баргузор мегардад, ки дар онҳо масъалаҳои мустаҳкам намудани ҳамкории бисёрҷонибаи байни ду мамлакат бо афзалият бахшидан ба масъалаҳои иқтисодиёти сабз, соҳаҳои технологияи баланд ва рақамисозӣ, инноватсия, тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ муҳокима хоҳанд гардид.

Дар хабари расонавии веб-сайти медиа-портали арабии «Index Economic» қайд мегардад, ки Арабистони Саудӣ ва Ўзбекистон барои кори муштарак дар татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ дар чунин соҳаҳои истиқболнок мисли энергетика, технологияи иттилоотӣ, телекоммуникатсия, тандурустӣ, дорусозӣ, биотехнология, хоҷагии қишлоқ, хоҷагии ҷангал, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, саноати сабук, саноати кимё ва нафту кимё, сайёҳӣ, маданият, варзиш, илм, таълим, ҳимояи муҳити зист ва ғайра омодаанд.

Агентии давлатии иттилоотии Озарбойҷон «AzerTAG» менависад, ки моҳи июли соли 2021 дар доираи фаъолсозии муносиботи дуҷониба аз Ўзбекистон вазири корҳои хориҷии Арабистони Саудӣ валиаҳд Файсал бин Фарҳан боздид ба амал овард. Вазири корҳои хориҷии Арабистони Саудӣ инчунин дар анҷумани байналхалқии «Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: ҳамбастагии минтақавӣ, таҳдид ва имконот» иштирок намуд, ки худи ҳамон моҳ барпо гардид.

Дар хабари агентии иттилоотии Лубнон «NNA» таъкид мешавад, ки Ўзбекистон ва Арабистони Саудӣ нисбат ба бисёр масъалаҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ назари ягона ва инчунин оид ба бехатарии минтақавӣ ва муқовимат бар зидди таҳдид ва ситезаҳои имрӯз мавқеи умумӣ доранд. Ҳар ду ҷониб инчунин ҳамдигарро дар дастгирӣ намудани номзадиашон дар доираҳои ташкилотҳои байналхалқӣ идома медиҳанд.

**АИ «Дунё».**



*Дар вилояти Фарғона шумораи корхонаҳои саҳҳомӣ боз ба якто афзуд. Дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ибрати шаҳри Фарғона ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Vinteks Co»-и корхонаи саҳҳомии Ўзбек – Хитой кушода шуд. Корхонаи мазкур дар Ўзбекистон ягона корхонаест, ки аз нахи полиэстер матоъҳои дастурхон ва пардабоб истеҳсол мекунад. Корхона бо ташаббуси соҳибкор Фурқатҷон Бобоҷонов ташкил гардида, дар муддати кӯтоҳ лоиҳаи сеюми тасдиқшуда ба шумор меравад. Дар ин ҷо истеҳсоли матоъ ва шимҳои ҷинсии мардона низ ба роҳ монда шудааст. Инчунин, лоиҳаи як қатор инвеститсияҳои истиқболнокро ҷорӣ менамоянд. Дар гурӯҳи аввали корхона 50 нафар коргар меҳнат мекунанд ва 300 ҳазор погонометр матоъ истеҳсол карда мешавад. Пешбинӣ шудааст, ки баробари ба кор даромадани дастгоҳҳои иловагӣ ҳаҷми солонаи истеҳсолот ба 650 ҳазор погонометр расида, 50-то ҷойи кории иловагӣ офарида мешавад.*

***Дар сурат:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Vinteks Co».*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОК АЗ ЗАМИНИ НАЗДИҲАВЛӢ

***Дар ноҳияи Янгиобод семинари аёнӣ дар бораи пурсамар истифода бурдан аз замини наздиҳавлӣ, оқилона ба кор бурдани воситаҳои замонавии сарфаи об дар вақти обёрии замин шуда гузашт.***

Сардори шӯъбаи Шӯрои хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва соҳибони қитъаҳои замини наздиҳавлии ноҳияи Янгиобод Н. Мирабдуллоев, ходимони Шӯрои ноҳиявӣ, агрономҳо, фермерон дар кори семинари мазкур ширкат варзиданд.

Дар семинар аз хусуси ҷорӣ намудани усулҳои замонавии обёрии замин, парвариши зироату сабзавотҳо, маҳсулоти полизӣ вобаста ба иқлими маҳал мутахассисони соҳаи хоҷагии қишлоқ ба иштирокчиён тавсияҳои зарурӣ доданд.

Дар охир иштирокчиён аз якчанд қитъаҳои замин, хоҷагиҳои деҳқонии намунавӣ дидан карданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ЧИЗЗАХ.*

*Таҳқиқоти журналистӣ*

# ФИРЕБГАР МАГАР ТАҲТИ ҲИМОЯТИ КАСЕ АСТ?

***Дар яке аз нишастҳои хабарӣ кормандони Департаменти тафтишоти Вазорати корҳои дохилӣ аз боздошти як гурӯҳи калони фиребгарону қаллобон хабарнигоронро огоҳ карданд. Дар ин бора “Овози тоҷик” таҳти унвони “Ба ҷазо кашида шудани ҷинояткорон муқаррар аст” мақолаеро интишор намуда буд. Ин гурӯҳ ба Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди корхонаи хориҷии умдафурӯшии “Golden Cahs story” тааллуқ дошт. Ҷинояткорон бо ташкили пирамида пулу моли одамони зиёдро ғорат кардаанд, аммо оқибат мавриди боздошт қарор гирифтаву дар муқобили онҳо парвандаҳои ҷиноӣ боз шудааст.***

Дар нишасти хабарӣ инчунин қайд гардид, ки дар баъзе вилоят ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ чунин фиребгарону қаллобон фаъолияти худро бо усулҳои гуногун давом дода, одамонро ба кӯчаи гумроҳӣ мекашанд, ба пулу амволи онҳо чашм ало мекунанд. Мардум бояд ҳушёриро аз даст надиҳанд ва кӯшиш кунанд, ки ба доми ин гуна дастаҳои ҷинояткор наафтанд.

Тибқи як муроҷиат ба “Овози тоҷик”, бошандаи ноҳияи Қува бо номи Ҳ.Т., соли таваллудаш 1983 маҳз аз роҳи фиреби дигарон рӯзгори худро пеш мебарад. Вай ҳаммаҳаллаи худ – Одилҷон Ҳоҷиматови 75-соларо ба доми худ кашида ва мошини ӯро моли худ намудааст.

– Ин ҳаммаҳаллаам рӯзе ба наздам омад ва гуфт, ки агар мошини сабукрави “Нексия”-амро ба вай иҷора диҳам, ҳар моҳ аз ҳисоби кирокашӣ ман низ соҳиби маблағе мешавам. Ҳамзамон худаш низ рӯзгорашро аз ин ҳисоб пеш мебарад. Мошин бештари вақт дар хона бекор меистод. Аз тариқи нотариус расмӣ карда, ба вай барои иҷора ваколатнома додам, – гуфт зимни мулоқоти рӯ ба рӯ Одилҷон Ҳоҷиматов.

Вай афзуд, ки ҳар моҳ пули иҷора дар вақташ ба дасташ мерасид. Баъди чанд муддат Ҳ.Т. аз вай хоҳиш кардааст, ки “Нексия”-ро ба “Ласетти” иваз намояд, зеро теъдоди ками мусофирон ба чунин мошин мизоҷ мешудаанд. Агар розӣ бошад, дар ивази андак пул “Нексия” ба “Ласетти” табдил меёбад. Он гоҳ дар баробари афзоиши теъдоди мизоҷон ӯ ва ҳам иҷорачӣ манфиатдор хоҳанд шуд.

– Ҳамин тавр, ин хоҳиши ӯро ба ҷо овардам ва ҳаммаҳаллаам минбаъд бо мошини “Ласетти” кирокаширо давом медод, – изҳор намуд Ҳоҷиматови мӯйсафед.

Соли 2018 Ҳ.Т. ба назди ӯ бо хоҳиши дигар пайдо шудааст. Гуфтааст, ки дар ноҳияи Ғаллаарали вилояти Ҷиззах Шералӣ Усмонов ном шахс мошини тамғаи “EPICA”-ашро ба фурӯш мондааст. Намешавад, ки “Ласетти”-ро фурӯшаду дар ивазаш ҳамин мошинро барои ӯ харида диҳад. Танҳо андак пули иловагӣ ин мушкилро аз байн хоҳад бурд.

– Ин фиребгар коре кард, ки ману аҳли оилаам аз ҳайрат гиребон газидем. Ман пули мошини марди ғаллааралиро пардохтам. Вай барои се сол “Ваколатнома” дод, ки ҳақ дорам, зимни зарурат мошини “EPICA”, рақами давлатиаш 25H502FA-ро фурӯшам. Бо ваколатномаи оддӣ Ҳ.Т. имкон пайдо намуд, ки сари ҷилави мошин нишинад,– оҳи бадард кашида гуфт Ҳоҷиматов. – Баъди чанд муддат огоҳ шудам, ки Ҳ.Т. бо роҳи фиреб мошинро ба номи худаш расмӣ кардааст.

– Чӣ тавр мешавад, ки бидуни “Ваколатнома” вай ин корро анҷом диҳад? Соҳиби мошин танҳо шуморо вакил кардааст, ки бар асоси он метавонистед онро истифода баред ё ба шахси дигар фурӯшед, – пурсидам аз Ҳоҷиматов.

– Ҳамаи гап ҳам маҳз дар сари ҳамин. Ҳ.Т. бидуни огоҳ кардани ман рустӣ ба назди соҳиби пештараи мошин – Шералӣ Усмонови ғаллааралӣ рафтааст ва гуфтааст, ки ман ба сабаби пирӣ наметавонам аз Қува ба Ҷиззах оям, барои ҳамин худи вайро фиристодаам, ки ба номи худаш ваколатнома расмӣ кунонад. Шералӣ Усмонов низ ба вай бовар кардааст ва бидуни он ки бо ман ин корро мувофиқа кунад, ба Ҳ.Т. ваколатнома додааст. Баъд вай ба Қува баргашта, мошинро ба нафаре фурӯхтааст. Пас дубора аз вай харида, ба номи худаш расмӣ кунонидааст, – гуфт Ҳоҷиматов бо чашмони пуроб.

Ба гуфтаи мӯйсафед Ҳ.Т. ду моҳи аввал пули иҷораро оварда додааст ва баъд якбора нопадид шудааст. Ҳоҷиматов хабар ёфтааст, ки Ҳ.Т. мошине, ки вай пулашро пардохтааст, кайҳо моли худ кардааст. Баъд мошини рақами давлатиаш 40V334SA-ро ба гарав монда, аз бонк ҳудуди 40 миллион сӯм кредит гирифтааст.

– Ягон идораи ҳифзи ҳуқуқ намонд, ки сар нахалонам. Ду писарам низ ҳамроҳи ман хеле овораву сарсон шуданд. Дар ҳама идораҳо як хел гап: ҳодисаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор дорад ва ҳар вақт, ки он ба анҷом расид, аз натиҷааш шуморо гоҳ мекунем. Ин дар ҳолест, ки аз оғози ин моҷарову асабвайроншавиҳо чаҳор сол сипарӣ шуд. Касе гиреҳи ин ҳодисаро кушода наметавонад. Фиребгар машғули зиндагии худ, дар озодӣ гаштааст, – бо таассуф мегӯяд Ҳоҷиматов.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

# ФИРЕБГАР МАГАР ТАҲТИ ҲИМОЯТИ КАСЕ АСТ?

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар номаи ҷавобии Раёсати тафтишоти назди Садорати корҳои дохилии вилояти Фарғона ва Додситонии куллии ҷумҳурӣ нисбати мурочиатҳои О.Ҳоҷиматов чунин омадааст: “Аз рӯи ин қазия 28 феврали соли 2021 оид ба фиребгарии Ҳ.Т. парвандаи ҷиноӣ боз шудааст. Аммо ба далели дар таркиби он набудани ҳолатҳои ҷиноӣ ин парванда бекор шудааст. Зимни таҳқиқи дубораи қазия аз тарафи додситонии ноҳияи Қува маълум шудааст, ки баъзе ҳолатҳои он таҳқиқи такрориро тақозо менамоянд. Барои ҳамин парванда барои бозрасӣ ба шӯъбаи тафтишоти идораи корҳои дохилии ноҳияи Қува фиристода шудааст. Додситонӣ қарори ШТ ШКД дар бораи лағви онро бекор кардааст. Дар айни ҳол таҳқиқ идома дорад ва метавонед шумо низ маълумотҳои иловагиро ба муфаттиш тақдим намоед”.

Дар оғози гузориш аз нишасти хабарӣ ёдовар шудам. Дар ҳамон нишасти хабарӣ доир ба қазияи ба доми фиреб афканда шудани Одилҷон Ҳоҷиматов суол кардам ва пурсидам, ки чаро як шаҳрванди солхӯрда солҳои дароз адолат меҷӯяд, аммо гиреҳи ин масъала асло кушода намешавад.

Дар посух ба ин суол подполковники ДТ Маъмурҷон Раҳматуллоев гуфт, ки О.Ҳоҷиматов бояд бо ариза бевосита худаш ба қабули шахси масъули вазорат дарояд. Он гоҳ шояд қазияи мазкур зудтар ҳаллу фасл шавад.

Ҳамроҳ бо ин корафтодаи кӯҳансол ба Департаменти тафтишоти Вазорати корҳои дохилӣ даромадем. Ӯро муфаттиши калони ДТ ВКД Изаттулло Тоиров қабул кард. Вай гуфт, ки муфаттиши шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Қува Ҳусниддин Аҳмадҷонов машғули таҳқиқи ин кор мебошад.

– Медонед, вай тафтишро хеле ба дарозо мекашад. Фиребгаре, ки пулу моли маро ғайриқонунӣ ғорат кардааст, маълум нест, ки чаро ҳаргиз муҷозот намешавад. Оё касе ҷиддан машғули таҳқиқи ин қазия ҳаст ё не? Муддати дароз мани пиронсол овораву сарсонам, аммо ҳеч не, ки адолат барқарор шавад, – гуфт бастаи аризаро ба Иззатулло Тоиров дароз карда Ҳоҷиматов.

Баъд аз муфаттиш пурсид, ки магар соҳиби як мошин метавонад ба чанд нафари дилхоҳ ваколатнома диҳад? Ин хилофи қонун нест?

Ҷавоби Иззатулло Тоиров маро низ ба ҳайрат овард.

– Дар ин кор ягон қонуншиканиро намебинам. Соҳиби мошин шахси комилҳуқуқ аст ва метавонад чунин ваколатномаро ба чанд одам диҳад.

– Пули мошини вайро ман пурдохтаам-ку! Чӣ хел як нафар аз роҳи фиреб ба чунин корҳо даст мезадаасту ҳамааш ба қонун рост меомадааст?

– …

– Ин ҷо як нафари дигар бидуни ризоияти ман рафтаву мошинро ба номи худаш расмӣ кунондааст. Магар ин ҳам хилофи қонун нест?

– Агар ҳуҷҷатҳое, ки дар дасти Ҳ.Т. мавҷуд аст, барои расмӣ кардани мошин кифоят кунад, дар ин ҷо низ ягон қонуншиканӣ нест. Ҳоло вай соҳиби қонунии мошине мебошад, ки шумо ба он даъвогарӣ мекунед. Бо вуҷуди ин, як нусха аризаатонро қабул мекунам. Аз натиҷаи он баъдан шуморо огоҳ хоҳем кард, – гуфт Иззаттуло Тоиров.

Одилҷон Ҳоҷиматов бо имо ба ман фаҳмонд, ки дигар барои идома додани суҳбат ҳоҷат нест.

– Худоро шукр, ки мошинро аз дасти ин фиребгар худам кашида гирифтам, аммо имкони ба кӯча баровардану савор шудани он мавҷуд нест. Зеро Ҳ.Т. мошинро дар бонк ба гарав монда, дар иваzi он кредит ба даст овардааст. Дар сурати зарурат ҳам ману писаронам наметавонем аз ин мошин истифода кунем. Зеро нозирони роҳ дар қадами аввал онро мебаранду ба истгоҳи ҷаримавӣ месупоранд. Ана баъд боз ба ташвишҳои дигар рӯ ба рӯ мешаваму дар азият мемонам, – гуфт Ҳоҷиматов.

– Чӣ хел мошин пеши шумост? – пурсидам аз ҳайронӣ.

– Ҳамон бача хеле хуб медонад, ки барои харидани он як чаққа ҳам маблағ сарф накардааст. Чанд муддат аз мо пинҳон шуда гашт. Ҳатто ду-се моҳ ба Русия гурехта рафт. Мо мошинро гирифта овардем, то ки вай боз ягон сохтакорӣ накунаду аз мошин маро тамоман маҳрум накунад. Намедонам, ки чӣ хел марзи давлатиро гузашта бошад. Зеро одамоне, ки аз бонк қарздор ҳастанду онро напардохтаанд, марзро убур карда наметавонанд, – ташреҳ намуд ин мӯйсафед.

Ба шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Қува рафтам. Бо сардори он Ислом Ҳусайнов масъалаи ба дарозо кашида шудани қазияро ба миён гузоштам. Сардор гуфт, ки ман бевосита бояд бо муфаттиш гапзанон кунам. Муфаттиш Ҳусниддин Аҳмадҷонов баъди суҳбати рӯ ба рӯ ва радду бадалҳои дигар ваъда дод, ки дарояндаи наздик аз рӯи парвандаи мазкур хулосаҳои ниҳоии худро ироа мекунад ва онро барои баррасӣ ба додгоҳ тақдим месозад.

Одилҷон Ҳоҷиматов мегӯяд, ки то кунун вай дар бораи анҷоми таҳқиқ ва мавриди баррасӣ қарор гирифтани қазия огоҳ карда нашудааст. Баро ҳамин ба Садорати корҳои дохилии вилояти Фарғона занг задам. Аз дафтари матбуоти садорат гуфтанд, ки таҳқиқот ҳанӯз идома дорад. Аммо агар Ҳоҷиматов аз раванди тафтиш норозӣ бошад, метавонад ба садорат бо аризаи такрорӣ муроҷиат кунад…

Тӯли панҷ-шаш моҳи охир аз пайгирии ин қазия ба хулосае омадам, ки дар ҷомеа баъзе муроҷиатҳо аз мадди назар дур мемонанд. Баъзеҳо зимни иҷрои вазифа ба саҳлангорӣ ва хунукназариҳо роҳ медиҳанд. Бо вуҷуди ин, вақт нишон хоҳад дод, ки ин қазия кай ва ба фоидаи кӣ ҳал хоҳад шуд!

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



# ДӮСТИРО ҶУСТУҶӮ ДОРЕМ МО

**(Ҳокими вилоят нишони сарисинагии «Дӯстии халқҳо»-ро ба соҳибонаш супурд)**

Дӯстӣ иқтидор, такягоҳи бузург, болу пари инсон аст.

30 июл – Рӯзи дӯстии халқҳо имсол дар мамлакатамон бо тароват ва шукӯҳи нав таҷлил ёфт. Ҳафтаи дӯстӣ файзу ҷозибаи диёрамонро зиёдтар кард. Ба муносибати ин рӯзи фархунда онҳое, ки баҳри мустаҳкамшавии дӯстии қавму миллатҳои мамлакатамон саҳми арзанда гузоштаанд, бо фармони Президент соҳиби мукофотҳои давлатӣ гардиданд. Байни онҳо намояндаи вилояти Бухоро – ҷонишини раиси шуъбаи вилоятии Маркази миллию мадании полякҳои Ӯзбекистон Монич Надежда Моисеевна (бо ордени дараҷаи II «Соғлом авлод учун» сарфароз гашт) низ ҳаст. Ба ғайр аз ин як гурӯҳ намояндагони қавмҳои гуногуни вилоятамон бо нишони сарисинагии «Халқлар дўстлиги» тақдир ёфтанд. 13 августи соли ҷорӣ дар ҳокимияти вилоят маросими тантанавии ба соҳибонаш супоридани ин нишонҳо ба амал омад. Ҳокими вилоят Ботир Зарифов ба сухан баромада, мукофотонидашудагонро муборакбод намуд. Вай таъкид кард, ки фароҳам овардани имконияту шароитҳои баробар барои рушди миллатҳои ватанамон яке аз равияҳои устувори сиёсати миллии давлатамон аст. Панҷ соли охир дар мамлакатамон оид ба ин соҳа як қонун, 6 фармон ва 7 қарори сарвари давлат, 5 фармоиш, 8 қарори Девони Вазирон қабул гардид, ки ин ба иштироки фаъолонаи намояндагони миллатҳо ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат кӯмак мерасонад. Ҳоло дар вилоят 35 қавму миллат баҳри рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва маданию маърифатии ҳудуд хидмат мекунанд. Албатта, меҳнати фидокорона баҳри тараққиёти мамлакат ва фаровонии халқ ҳаргиз бе эътибор намемонад ва он эътироф мегардад. Сипас ҳокими вилоят мукофотҳоро ба соҳибонаш супурд.

– Ин мукофот маро рӯҳбаланд кард,– гуфт узви шӯъбаи вилоятии Маркази миллию мадании озариёни республика Марал Малидова. – Мо дар оилаи ягона зиста, Ӯзбекистонро ватани худ мешуморем. Маркази миллию мадании мо дар «Хонаи дӯстӣ» воқеъ буда, тавассути он анъанаю арзишҳои худро тарғиб менамоем….

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

*Манзилҳои ободи Ӯзбекистони Нав*

# НОҲИЯИ ОЛОТ:
# ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ




***Ноҳияи Олоти вилояти Бухоро, ки яке аз ҷанубтарин нуқтаҳои кишвари мо буда, бо Ҷумҳурии ҳамсояи Туркманистон ҳамсарҳад аст, имрӯз симои тамоман нав гирифтааст. Се соли охир ҳаёти олотиҳо аз лаҳзаҳои фаромӯшнопазир ғанӣ буд. Бо кадоме аз сокинони Олот вохӯред, дар бораи дигаргуниҳои имрӯза бо хурсандӣ ва ҳаяҷон нақл мекунанд. Мавзеи «Ӯзбекистони Нав», ки ҳоло сохта шуда истодааст, ифтихори аҳолии ҳудуд аст.***

— Олот дар мамлакати мо яке аз ноҳияҳои хурдтарин ба ҳисоб меравад, — мегӯяд собиқадори меҳнат Сайфулло Курбонов. — Бо вуҷуди ин, он иқтидори бузург дорад. Зеро, шоҳроҳи бузургтарин, ки Осиёро бо Аврупо, дурусттараш, Осиёи Шимолӣ, Миёна, Ҷанубиро бо мамлакатҳои китъаи Аврупо мепайвандад, аз ин ҷо мегузарад. Аз ин рӯ, дар ду тарафи роҳ дарахту буттаҳои зиёди ороишӣ шинонда шудаанд. Барои аҳолӣ



нуқтаҳои хидмати маишӣ сохта шудаанд. Дар ҳудуди назди роҳи мошингард бозори калон мавҷуд аст. Табиист, ки саволе ба миён меояд: чаро? Сабаб дар он аст, ки ин ноҳия минтақаи ҷанубии мамлакат мебошад. Аз сабаби он ки бо Туркманистон ҳамсарҳад аст, техника ва борҳои транзитӣ аз ҳамин ҷо ба ҷумҳурии мо роҳ мeёбанд. Меҳмони хориҷӣ аз мамлакатҳои ҷанубӣ сафари худро ба Ӯзбекистон аз ҳамин ҷо, аз ноҳияи Олот оғоз мекунад. Вай дар симои ноҳияи Олот симои тамоми Ӯзбекистонро мебинад, меҳмон дар симои аҳолии он бошад, тамоми халқи Ӯзбекистонро мебинад, ки онҳо чӣ тавр зиндагӣ мекунанд, аз чӣ нафас мекашанд. Бо назардошти ҳамаи ин Президенти кишвар ба минтақаи Олот таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Ҳар рӯз як тағйирот, як дигаргунӣ ба амал меояд. Олоти дирӯзаро бо имрӯза муқоиса кардан мумкин нест.

Дар ҳақиқат, дигаргуниҳои дар ноҳия ба амаломада ҳар як нафари ба ин ҷо омадаро шод мегардонад. Бесабаб нест, ки агар ду сол пеш ба онҳо мегуфтанд, ки дар ин ҷо чунин дигаргуниҳои азим ба амал меоянд, некуаҳволии аҳолӣ беҳтар мешавад, бисёриҳо бовар намекарданд. Вале дар ин муддати кӯтоҳ ба шарофати иштирок ва таваҷҷуҳи шахсии Сарвари давлат дар вилоят дигаргуниҳои муҳим ба амал омаданд.

— Касоне, ки муддати тӯлонӣ дар Олот набуданд, ҳоло онро тамоман намешиносанд, — мегӯяд ҳокими ноҳияи Олот Наргиза Неъматова. — Муаллифи ғояи бунёдкориҳои Олот сарвари мамлакатамон ба ҳисоб меравад. Ва ҳоло ин ибтидои кор аст. Сохтмон, бунёдкорӣ ва корҳои ободонӣ ҳанӯз давом доранд. Рӯирост мегӯям, ки пеш дар ноҳия на кинотеатр, на қасри маданият, на китобхона буд. Вазъияти объектҳои иҷтимоӣ риққатовар буд. Чунон ки Президент қайд кард, мо фақат дар бораи пахта фикр мекардем. Ҳамду сано ба Худованди мутаъол акнун ба шарофати таваҷҷуҳи сарвари давлат ва дар асоси қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳияи Олоти вилояти Бухоро барои солҳои 2020-2022» барои рушди ноҳия дар тӯли ду сол 2 триллиону 711 миллион сӯм маблағ харҷ карда шуд.

Тибқи Фармони Президенти кишварамон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо манзил тавассути ҷудо намудани қарзҳои ипотека дар асоси принсипҳои бозор» бунёди умумии 300 бинои бисёрошёна пешбинӣ шуда буд. Бо фармоиши ҶДММ “Қишлоқ қурилиш инвест” соли 2020 5 хонаи панҷошёнаи 200 ҳуҷрадор ва дар соли 2021 5 хонаи панҷошёнаи 100 ҳуҷрадор бунёд гардид. Натиҷаи ҳамин аст, ки 300 оила дар маҳаллаи «Янги Ўзбекистон»-и маҳаллаи «Халифа» хонаҳои нав гирифтанд. Агар хона сохта шуда бошад, ин маънои онро надорад, ки вай барои зиндагӣ омода аст. Албатта, дар ин ҷо ба масофаи 1,3 километр шабакаи таъминоти барқ, 400 метр қубури газ, 1,6 километр роҳ, 2,3 километр қубурҳои канализатсия, қариб як километр қубурҳои обгузар гузаронда шуд.

— Аз ҷониби сарвари давлат ба модарони танҳо имкониятҳои зиёд фароҳам оварда шуданд, — мегӯяд Зайнура Ҳасанова. — Мо низ бо нархи арзон квартира гирифтем. Ман аз ин хеле хурсандам. Бо ду фарзандам зиндагӣ мекунам. Барои ин ба Президент арзи сипос менамоем. Фарзандони худро ҳатман ҳамчун одамони ба Ватану халқ



содиқ тарбия хоҳам кард.

— Олот баъди ба даст овардани истиқлолият чӣ гуна буд ва дар давоми панҷ соли охир чӣ хел дигаргуниҳо ба амал омад! — мегӯяд нависанда Абдунабӣ Ҳамро. — Агар мамлакат аз ҷиҳати иқтисодӣ устувор ва роҳбарияти он бо халқ якдил бошад, дар он ҷо бешубҳа дигаргуниҳои бузург ба амал меоянд. Дар давоми панҷ соли охир на танҳо дар ноҳияи Олот, балки дар тамоми Ӯзбекистон дигаргуниҳои бузург ба амал омаданд. Рӯҳи бунёдкорӣ, офарандагии халқ ҷӯш мезанад. Дар ин бобат ташаббуси сарвари давлат, якдилӣ ва ҳамраъйии ӯ бо халқи худ ҳамчун омили муҳим хидмат кард.

Аҳолӣ аз фаъолияти Маркази хидматрасонии давлатии маҳаллаи нав қаноатманд аст. Дар ин ҷо онҳо барои ҳалли мушкилоти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ кумак мекунанд. Соҳибкорон дастгирӣ карда мешаванд. Манфиатҳои қонунии аҳолӣ пурра муҳофизат карда мешаванд. Албатта, агар гӯем, ки чунин шароит гарави некуаҳволии олотиҳо мебошад, муболиға намешавад.

— Мо дар бинои замонавии шуъбаи мо қарор дорем, — мегӯяд сардори шуъбаи адлияи ноҳияи Олот Ифтихор Эргашев. — Дар ошёнаи якум маркази ноҳиявии хидматрасонии давлатӣ, дар дуюм – шуъбаи САҲШ, дар сеюм – маркази хидматрасонии ҳуқуқӣ ва шуъбаи ҳифз ва татбиқи ҳуқуқи инсон ҷойгир аст. Дар ин бино барои аз хидмати давлатӣ истифода бурдани аҳолӣ тамоми шароит муҳайё карда шудааст.

Дар хонаи маданияту маънавиёти мавзеи нав таблиғи васеи осори мадании мо васеъ ба роҳ монда шудааст. Дар баробари ин дар таъмини шуғли аҳолӣ ҳиссаи сазовор гузошта мешавад.



– Бо қарори Сарвари давлат дар ҷумҳурӣ 16 кластери ҳунармандӣ таъсис дода шудааст, – мегӯяд роҳбари кластери гулдӯзӣ Лола Муҳутова. – Яке аз чунин кластерҳо, ки дар онҳо асосан занон кор мекунанд, дар ноҳияи Олот таъсис дода шудааст. Имрӯзҳо 150 нафар занони маҳаллӣ дар самти гулдӯзӣ фаъолият доранд. Инчунин дар маркази маънавияти ин ҷо 40 нафар бонувон бо кори доимӣ таъмин шудаанд. Мо маҳсулоти худро на танҳо дар бозори дохилӣ мефурӯшем, балки ба кишварҳои Туркия, ИМА, Ҷопон содирот мекунем. Заноне, ки ба дафтарҳои дахлдор дохил карда шудаанд, дар ин ҷо бо гулдӯзӣ даромад мегиранд. Сечор сол пеш аз ин мо инро фақат орзу карда метавонистем. Мо инро танҳо дар шаҳрҳо, пойтахт ва ё марказҳои вилоятҳо медидем. Имрӯз бо ташаббуси Сарвари давлат ҳатто дар ноҳияҳои дурдаст, аз қабили Олот шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

То имрӯз фарогирӣ ба муассисаҳои томактабӣ дар ноҳия аз 70 фоиз гузашт. Се сол пеш ин нишондод дар сатҳи 7 дарсад буд. Чунин диққату ғамхорӣ сокинони ноҳияро ба корнамоиҳои нав раҳнамун месозад. Шуҷоати олотиҳо бо дидани эътибор ба бунёди объектҳои соҳаи иҷтимоӣ дар мавзеъҳои нав боз ҳам ҷӯш мезанад.

Бо кумаки ҶДММ «Парвоз қурувчи», ки ба равиши илова ба лоиҳаҳои сармоягузории ҳудудӣ ташкил шудааст, имрӯз биноиншоотҳо дар асоси лоиҳаи «Ташкили истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагии тайёр» бо арзиши умумии 1,5 миллион доллари ИМА пурра барқарор карда шуданд. Маҷмӯи мазкур, ки зиёда аз 160 таҷҳизоти дӯзандагӣ дорад, низ ба зудӣ ба истифода дода мешавад. Баъди ба кор андохтани он зиёда аз 400 нафар бо кор таъмин мешаванд. Насли ҷаҳонбинӣ ва тафаккурашон нав дар мавзеъҳои нав ба воя мерасад.

Қобили зикр аст, ки чунин ислоҳот дар тамоми деҳаҳои дурдаст ва наздики ноҳия амалӣ карда мешавад. На танҳо ин мавзеъ, балки тамоми Олот дар оғӯши дигаргуниҳо қарор дорад. Оғози корҳои хайр тамоми олотиҳоро ба офарандагӣ, бунёдкорӣ даъват мекунад.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбири ЎзА.**
***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***

## ХАБАРҲО

### ХАРИДУ ФУРӮШИ ХОНА ДАР ПОЙТАХТ

***Экспертҳои Институти пешгӯийисозӣ ва тадқиқотҳои макроиқтисодӣ (ИПТМ) тағйироти нархҳои хонаву ҷой дар Тошкандро дар давоми августи соли 2021 ва июли соли 2022 таҳлил намуда, хулоса баровaрданд нархи хонаҳои кӯҳна ба ҳисоби миёна 12 фоиз, нархи манзилҳои нав 8,3 фоиз боло рафтааст.***

Дар бозори мулки ғайриманқули шаҳри Тошканд шартномаҳои харидуфурӯш дар давоми ҳафт моҳи охири соли равон қариб 49 ҳазорторо ташкил намуд.

Дар ноҳияҳои Миробод, Яккасарой, Чилонзор, Мирзо Улуғбек ва Юнусобод нархи хона нисбатан баланд, дар ноҳияҳои Бектемир ва Сергели нисбатан пасттаранд. Таҳлилҳо нишон доданд, дар давоми 6 моҳи соли равон дар доираи барномаҳои давлатӣ фаъолнокии ба аҳолӣ ҷудо кардани кредити ипотека дар бозори хонаву ҷой нигоҳ дошта шудааст.

Дар мамлакат тӯли моҳҳои январ – июл ба 41,44 ҳазор нафар шахс ба миқдори 7, 6 триллион сӯм кредити ипотека ҷудо карда шудааст.

### ҲАРАКАТИ АВТОБУС АЗ ҚАЛАМРАВИ ТОҶИКИСТОН

***Назар ба маълумоти Вазорати нақлиёт рейси техникии автобусӣ байни шаҳрҳои Фарғона ва Самарқанд ба роҳ гузошта шуд. Масофа байни ин ду шаҳр 618 километрро ташкил намуда, дар давоми 12 соату 50 дақиқа ба манзил расидан мумкин. Он аз шаҳри Хуҷанди вилояти Суғди Тоҷикистон мегузарад.***

Ояндаи наздик ба роҳ мондани маршрути автобуси Гулистон – Қӯқанд низ ба нақша гирифта шудааст, ки он, айни замон, ба воситаи ҳудуди Тоҷикистон мегузарад.

Навигарӣ хусусан онҳоеро, ки ҷонибдори мустаҳкамшавии риштаҳои муносибати байни ду ҷумҳурианд, бештар мамнун кард.

### БАРОИ ҶАЛБИ БОНУВОН БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМНОК

***Аз ҷониби Агентии рушди байналхалқии ИМА ташаббусе пеш гузошта шуд, ки ба ҷалби бонувони ночор ва ногиро ба иқтисодиёти рақамноки мамлакат нигаронида шудааст.***

Дар барнома наздик 250 нафар занону духтарон аз вилоятҳои Тошканд ва Самарқанд иштирок менамоянд. Ба онҳо доир ба тиҷорати электронӣ, маркетинги нуктаҳои иҷтимоӣ ва реклама машғулот гузаронида мешавад.

Иштирокчиён баъдтар метавонанд дуконҳои онлайни худро ба кор андохта, маҳсулоташонро тавассути платформаҳои глобалию маҳаллӣ ба фурӯш бароранд.

Қабул шудани стратегияи “Ӯзбекистони рақамӣ – 2030” барои боз ҳам ривоҷ ёфтани нуктаи мазкур шароити қулай фароҳам меоварад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

Ба пешвози 31-солагии Истиқлолияти Ӯзбекистон

# ИСТИҚЛОЛ – НЕЪМАТИ БУЗУРГ!

*Эй Ватан, хоки туро бар дидаам*
*ҷо мекунам,*
*Модари ҷонам туӣ, бо ту таманно*
*мекунам.*
*Мустақил гардидаӣ озода дар*
*рӯйи ҷаҳон,*
*Рӯзи истиқлоли ту ман тӯй барпо*
*мекунам.*
*Фахр месозам ба номат дар миёни*
*дӯстон,*
*Ҳар кучое меравам, номи ту пайдо*
*мекунам.*

Оре, Истиқлол барои мардуми кишвари афсонавии мо имкониятҳои васеъро ҳадя намуд. Пеш аз ҳама гуфта метавонем, ки Ӯзбекистони офтобрӯя аз он рӯзе, ки соҳибистиқлол гардид, арзи 31 сол барои мардум, алалхусус, мо зиёиён имкониятҳои васеъро фароҳам овард. Баъдан тарзи зисту зиндагии мардум дигар гардид. Ба фикри ман он нафаре, ки каме ҷидду ҷаҳд ва меҳнати ҳалол намояд, албатта ҳаёташ рангин мегардад. Бубинед, барои соҳибкорони ҷавон ва онҳое, ки фаъолияташонро ба тозагӣ оғоз намудаанд, чӣ гуна имкониятҳои фаровон дода шудааст. Аз ин танҳо шукрона бояд намоем.

Ман худ тайи чанд сол аст, ки касби омӯзгориро интихоб намуда ба шогирдон дарс мегӯям. Ростӣ, аз он ифтихор дорам, ки имрӯз барои ҷавонони мо мактабу синфхонаҳои барҳаво, ҷиҳозҳои замонавии ҷавобгӯ ба андозаҳои ҷаҳонӣ муҳайё намудаанд, ки ин барои омӯзиши фанҳои гуногун ба шогирдони мо хидмат менамояд. Фақат аз шогирдон талаб карда мешавад, ки маҳорати баланди худро нишон дода, пайваста ба омӯзиши фанҳо машғул бошанд.

Як чизи дигарро бояд ёдовар гардам, ки солҳои охир ҳукумат барои мо омӯзгорон ва умуман, ходимони соҳаи маориф як қатор ислоҳот амалӣ намуд, ки аз он як ҷаҳон миннатдорем. Махсусан, баланд бардоштани музди маоши омӯзгорон, қадр намудани омӯзгорон, фароҳам овардани як қатор имтиёзҳо худ як ташаббуси ғамхоронаи ҳукумат мебошад. Дар ҳамин замина қайд намуданиам, ки мо аз ин ғамхориҳои сарвари кишвар рӯҳбаланд гардида, тамоми кӯшишу ғайрати худро пайи он бояд сарф намоем, ки дар тарбияи насли наврас роҳҳои нав ба навро кашф намуда, барои Ӯзбекистони азиз фарзандони соҳибиқтидору нававар, маърифатдӯсту зуккоро тарбия намоем, зеро дар асл вазифаву мақсади мо низ ҳамин аст.

Ҳамин тавр, ҷашни Истиқлол тахти шиори «Дар Ӯзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз!» бо як ҳисси баланди ватандӯстона гузаронида мешавад ва итминони комил дорем, ки мардуми ватандӯсту меҳнаткаши мо 31-солагии Истиқлолиятро бо табъи болида пешвоз хоҳанд гирифт. Зеро дар кишвари озоду ободи мо таҷлили ҳар гуна иду айём арзанда мебошад.

**Хуршеда ТИЛЛОЕВА,**
**ҷонишини директор оид ба корҳои маънавӣ ва маърифати мактаби рақами 52-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

# ТАРҒИБИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ – ТАҚОЗОИ ДАВР



**Иттиҳодияи этноварзишии Ӯзбекистон яке аз иттиҳодияҳои ҷавонтарин маҳсуб меёбад. Ба наздикӣ ин иттиҳодия яксолагии ташкили худро таҷлил хоҳад кард. Дар ин хусус раиси он Ойбек Норинбоев ба “Овози тоҷик” иттилоъ дод. Вай перомуни вазифаҳои иттиҳодия, нақшу аҳамияти варзиши миллӣ, бозиҳои мардумӣ дар ҳаёти ҷомеаи кунунӣ мухтасар маълумот ироа намуд.**

Яке аз ҳадафҳои аслии иттиҳодияи этноварзишӣ эҳё ва густариши намудҳои миллии варзиш, бозиҳои мардумӣ, таҳия ва татбиқи қоидаҳои ягонаи баргузории он, дар баробари ин, тарғиби тарзи ҳаёти солим мебошад, ки имрӯзҳо дар байни аҳолӣ беш аз пеш аҳамияти муҳим касб намудааст.

– Як қисми намуди бозиҳои миллӣ, ки дар замони гузашта аҷдоди мо ба он хеле зиёд машғул мешуданд, дар айни замон низ миёни мардум роиҷанд. Мешавад гуфт, ки ин бозиҳо на танҳо як машғулияти оддиву содаанд, балки дар тӯли асрҳо ва бо гузашти айём сайқал ёфтаву ҳамчун мерос аз насл ба насл гузаштаанд, – изҳор намуд О. Норинбоев.

Мавсуф бо таассуф қайд кард, ки бархе аз бозиҳои мардумии замоне дар зиндагии аҷдодони мо ҷойгоҳи арзандаву махсус ишғолнамуда дар айни ҳол ба далели фанновариҳои инноватсионӣ аз ҳаёти мардуми ҷомеаи муосир дур мондаанд. Аз ин рӯ, барои пайдо кардани намудҳои миллии варзиш, ки амалан аз байн рафтаанд ва ин раванд идома дорад, ҷиддан машғул бояд шуд.

– Дар ҳар як намуди варзиши миллӣ хислатҳои беҳтарини инсонӣ, мисли масъулиятшиносӣ, поквиҷдонӣ ва ҳифз намудани суннатҳо таҷассум ёфтааст. Қонуну қоидаҳои бозиҳои мардумии мо тавре ташаккул ёфтаанд, ки қариб дар тамоми намудҳои варзиш метавон бидуни мудохилаи доварон бозӣ карду лаззат бурд, – таъкид варзид О. Норинбоев.

Ҳамсуҳбати мо дар пай мисол овард, ки аз намудҳои варзиши миллӣ, чун кураш, гуштии камарбандӣ, ҳунарҳое, ки размро акс мекунонанд, мусобиқаҳои якка, бузкашӣ ва боз иддае аз намудҳои дигари бозӣ аллакай дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун намуди эътирофшудаи варзиш унвон гирифтаанд.

– Мо ният дорем, ки ба дастовардҳои худ қаноат накарда, минбаъд низ бозиҳои миллиро дар арсаи ҷаҳонӣ таблиғ намоем. Мо ҳамчунин бояд ифтихор кунем, ки имрӯз арзишҳои азалии мо – бозиҳои мардумӣ ва варзиши миллӣ дар сатҳи хеле боло мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, – таъкид кард раиси иттиҳодия.

25-уми майи соли ҷорӣ аз тарафи Раисиҷумҳур «Дар бораи чораҳо оид ба тарғибу ташвиқ ва рушди этноварзиш» фармон ба имзо расид. Дар ин ҳуҷҷати расмӣ дастури муфассали рушду ривоҷи этноварзиш то соли 2025 ироа шудааст.

Аз ҷумла, дар фармони Президент аз соли 2023 дар шаҳри Тошканд ҳар сол фестивали этноварзиш таҳти унвони “Uzbekistan Ethno Games”, инчунин дар шаҳри Хева дар як сол ду маротиба роҳандозии Фестивали байналмилалии этноварзиш барномарезӣ шудааст. Ҳамзамон дар тамоми муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, дарсу машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, соатҳои маънавиёт оид ба аҳамияти намудҳои варзиши миллӣ ва бозиҳои мардумӣ дар рушди ҷисмонию зеҳнӣ ва маънавию ахлоқии ҷавонон корҳои таблиғотӣ пиёда хоҳад шуд.

Ба ҳар сурат имрӯз “Иттиҳодияи этноварзишии Ӯзбекистон” бо Конфедератсияи умумиҷаҳонии этноварзиш дар ҳамкории зич фаъолият мекунад. Раиси конфедератсия Билол Эрдӯғон ба наздикӣ ба Ӯзбекистон омад ва бо корҳое ошно шуд, ки дар кишвари мо амалӣ шудаанд.

Билол Эрдӯғон ҳамчунин дар кӯтоҳтарин фурсат ба нашр расидани «Энсиклопедияи варзиши миллӣ ва бозиҳои мардумии Ҷумҳурии Ӯзбекистон»-ро фоли нек арзёбӣ намудаву ба он баҳои баланд додааст, ки таърих, қонун ва қоидаи бозиҳои мардумӣ ва намудҳои варзиши миллии Ӯзбекистонро дар худ инъикос мекунад.

– Дар айни ҳол 9 намуди этноварзиш дар Ӯзбекистон мавҷуд буда, шумораи бозиҳои анъанавии варзишӣ дар байни мардум 198-торо ташкил медиҳад. Дар асоси ҳадафҳое, ки дар самти рушд ва оммавигардонии этноварзиш дар Ӯзбекистон дар назди худ гузоштааст, дар мо ҳанӯз вазифаҳои зиёде мавҷуданд, ки бояд амалӣ шаванд. Дар ин самт мо ҷиддан ба кор машғуш ҳастем, – гуфт дар ниҳояти суҳбат Ойбек Норинбоев.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

***Маҳаллаи «Пишағар»-и ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах бо маҳаллаи «Бунёдкор»-и ноҳияи Янги Намангони вилояти Намангон ҳамкорӣ мекунад. Дар ин бора меморандум ба имзо расид, ки бо ташаббуси ёрдамчии ҳокими вилоят дар маҳаллаи «Пишағар» Бобур Умрзоқов сар зад. Ва ин таклифи ӯро раиси маҳаллаи «Бунёдкор» Ҷобир Алихон хуш пазируфт.***

# ҲАМКОРӢ МИЁНИ МАҲАЛЛАҲОИ ДУ ВИЛОЯТ

Ба наздикӣ зимни ба имзо расидани меморандум як гурӯҳи меҳмонон аз водии Фарғона ба маҳаллаи Пишағар ташриф оварда, бо дигаргуниву корҳои созандагие, ки дар ин ҷо тӯли солҳои охир ба сомон расонида шудааст, аз наздик ошно гардиданд.

Заминҳои навкораму токзорҳо ба оилаҳои ниёзманд ва ҷавонон дода шудааст. Баҳри обёрӣ намудани замин чоҳҳои артезианӣ кофтаанд.

Гулпарварӣ дар Пишағар соҳаи асосии даромад ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳар ду ҷониб қарор карданд, ки дарояндаи наздик Фестивали гулҳоро ташкил кунанд. Боз ба нақша гирифтанд, ки то охири моҳи августи соли ҷорӣ бо иштироки намояндагони ҳар ду маҳалла Фестивали дӯстӣ баргузор намоянд. Барои истироҳати намангониҳо фароғатгоҳ бунёд созанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Пажӯҳиш

# БАДАХШОН АЗ ДИДГОҲИ МИР АЛИШЕР НАВОӢ

Мегӯянд, ки бе Бадахшон Тоҷикистон, бе Тоҷикистон Бадахшон тасаввурнопазир аст. Агар ин суханони геополитикиро камтар васеъ тавзеҳ дода гӯем: Бадахшон (Помир) бо тамоми минтақа иртиботи ногусастанӣ дорад. Он қатраи обе, ки дар бадани мо гардиш мекунад, он водиҳои зархезе, ки талаботи зиндагии моро таъмин мекунанду аз дарёи Ому об мегиранд, баҳри Арале, ки моро аз тафсонии офтобу шамоли гардолуд наҷот медиҳад, аз кӯҳҳои сарбафалаку пиряххои Помир, кӯли афсонавии Сарез – қаъри дили Помир сарчашма мегиранд.

Аз ин сабаб аз лиҳози экологӣ Бадахшон маскани оби ҳаёти мардуми Осиёи Миёна аст, ки зиёда аз 50 миллион одамро дар бар мегирад. Ин ҳолатро дар замони мо, замони шиддатноктарини экологӣ, бояд ҳар як одами солимфикр дарк карда тавонад.

Бояд гуфт, ки ин заруратӣ ҳаётии Бадахшонро барои мардуми Хуросон ва Мовароуннаҳр дар гузаштаҳои дур ҳам мутафаккирон, шоирони ин сарзаминҳо, агар дар сатҳи илмӣ ва экологӣ набошад ҳам, дар сатҳи шуури маъмулӣ хеле хуб дарк карда буданд ва ба василаи ифодаи бадеии «лаъли Бадахшон» қаламдод мекарданд.

Ҳамбастагии ҷудонашавандаи таърихии Бадахшонро бо дигар минтақаҳои Осиёи Миёна, масалан, бо топонимҳои Хоруғ (маркази маъмурии Бадахшон), Хуросон (Хоросон), ва Хоразм равшан дида метавонем. Ин се мафҳум решаи авестоӣ дошта, муштақоти калимаи авестоии «Хор», яъне Офтоб мебошанд. Маънои Хоруғ – ҷойи баромади офтоб, Хоросон – авҷи баланди Офтоб, Хоразм – ҷойи нишасти Офтоб аст. Яъне дар маҷмӯъ, дар қадим, самти гардиши офтобро ифода мекарданд. Аз ин лиҳоз тавзеҳи мафҳуми «Хоразм» – «ҷойи паст», «замини ҳамвор», ки дар энсиклопедияи русии Википедия омадааст, ба ҷуз мавҳумоти муаррихон нест.

Агар ба масъалаи асосии ин мақола баргардем, Навоӣ ҳамчун мутафаккир, шоир, олим ва арбоби давлатии намоёни замони худ ба Бадахшон ва аҳли он, ба қавли ӯ – кӯҳистониён, бетараф набуд. Ӯ дар фаъолияти илмии худ, махсусан дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» дар байни 459 шоири гузашта ва замони худ, номи якчанд шоир ва олимони бадахширо зикр карда, маълумоти мухтасар медиҳад. Навоӣ дар боби (маҷлис)-ҳои дувум, сеюм ва шашум (тазкира аз ҳашт маҷлис иборат аст) мухтасар ҳам бошад, маълумот медиҳад, ки барои омӯзиши таърихи фарҳанги бадахшониён ва умуман тоҷикон, арзиши баланди илмӣ дорад.

Ба қавли Навоӣ мардуми Бадахшон таърихи ҳазорсолаҳо доранд ва то ҳукмронии Султон Абӯсаид Мирзои Чиғатоӣ (1424-1496) – абераи Темур, дар зери ҳукмронии як қавм, яъне шоҳигарии Бадахшон буданд.

Султон Абӯсаид Мирзо шоҳигарии Бадахшонро харобу вайрон карда, тамоми бойгариҳои Бадахшонро тасарруф кард ва бузургони ин диёрро, аз он ҷумла, шоҳи Бадахшон ва писари боистеъдоди ӯ Ибн Лаълиро ба қатл расонд. («Маҷолис-ун-нафоис», с.41). Аз суханони Навоӣ чунин бармеояд, ки ӯ амалиёти ғоратгаронаи Султон Абусаидро маҳкум менамояд.

Дар давраи ҳукмронии Султон Абӯсаид Мирзо дар Ҳирот бисёр бадахшониҳо зиндагӣ мекарданд ва дар пешрафи фарҳангӣ ва интеллектуалии Ҳирот фаъолона иштирок мекарданд. То ҳатто душмани асосии бадахшониён Султон Абӯсаид Мирзо ба яке аз муаррихон ва шоири бадахшӣ Мавлоно Абдусамади Бадахшӣ фармон медиҳад, ки таърихи салтанати Абӯсаид Мирзоро бинависад. Мавлоно Абдусамади Бадахшӣ ин корро анҷом медиҳад. Аммо, афсӯс, ки ин асар барои таърихшиносони муосир то кунун номаълум мондааст ва дар ягон манбаъ, то ҷойе, ки ба ман маълум аст, зикр нашудааст.

Маълум аст, ки Мир Алишер Навоӣ дар Ҳирот мадрасаи шахсии худро дошт. Ӯ ба ин мадраса шахсони боистеъдодро аз тамоми шаҳрҳои бузурги Хуросон ва Мовароуннаҳр даъват карда, улуми динӣ ва дунявиро меомӯзонд. Дар ин мадраса як қатор бадахшониён ҳам таҳсил мекарданд. Аз он ҷумла, Мавлоно Абдусамади Бадахшӣ, Мавлоно Абутоҳир, Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ, Мавлоно Шамсӣ ва ғайра.

Мавлоно Шамсӣ, масалан, дар шеърнависӣ, сухандонӣ, ширинсуханӣ бениҳоят истеъдоди баланд доштааст. Навоӣ дар боби шашуми «Маҷолис-ун-нафоис» менависад, ки «худам бо Мавлоно Шамсӣ шинос набудам, аммо дар бораи ӯ аз дӯстам Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ бисёр сифатҳои хубашро шунидам» ва ду мисраи шеъри ӯро мисол мебиёрад.

Ҳофиз Муҳаммади Султоншоҳ ҳам ба қатори шоирони боистеъдоди доираи Ҳазрати Навоӣ дохил мешавад. Ба қавли Навоӣ, ӯ хеле ҳам ровии хуб ва хушнавис буд. Ӯ шеърҳоро бо оҳанги дилкаш ва писандида мехонд. Дар хати чалӣ (равшан) ва хафӣ (пӯшида) истеъдоди баланд дошт. Ба ғайр аз ин Ҳофиз Муҳаммади Султоншоҳ як шахси ростқавл, боинсоф буда, ахлоқи ҳамида дошт, менависад Навоӣ.

Навоӣ дар бораи Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ нисбат ба шоирони дигари бадахшӣ маълумоти пурратар медиҳад. Муҳаммади Бадахшӣ, менависад Навоӣ, аз деҳаи кӯҳистонии худ барои хондан аввал ба Самарқанд ва баъд ба Ҳирот мебиёяд. Ӯ шахси бениҳоят истеъдоднок буда, рафиқони бисёр дошт. Ӯ бисёри вақти худро барои пазироии рафиқонаш сарф мекард. Дар натиҷа ба шаробнушӣ ва танбалӣ гирифтор шуда, то ҳадде расид, ки бо пойи луч ва маст дар кӯчаҳо ва бозорҳо мегашт. Аммо ӯ дар Ҳирот ба шахси хирадманди бадахшӣ дучор шуда, бо кӯмаки ӯ аз шаробнушӣ ва дар кӯчаҳо беҳуда гаштан даст кашид, тавба кард, аз кораш пушаймон шуд ва ба роҳи дурусти зиндагӣ даромад.

Ҳозир дар байни шоирон, менависад Навоӣ, аз ӯ мулоимтар одамро намеёбӣ. Як хусусияти муҳими рафтори Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ аз дигарон дар он буд, ки ӯ дар назди подшоҳ ва амирон сар хам намекард, даст ба сина намегузошт. Барои ӯ подшоҳ ва амалдорон аз одамони одии камбағал фарқ намекарданд. Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ дар бораи санъати муаммо рисолаи хубе таълиф кард, ки дар байни мардум машҳур гашт. Бо вуҷуди он, ки дар вақти суҳбат бо дигарон фикр накарда, бадоҳатан ҷавоб медод, дар суханронии худ ба иштибоҳ роҳ намедод, қайд мекунад Навоӣ. Аз ин характеристикаи Навоӣ ба Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ хулоса бояд кард, ки Ҳазрати Навоӣ дар илми одамшиносӣ ҳам хеле истеъдоди баланд доштааст.

**(Давомаш дар саҳ.4).**




*Дар маҳаллаи Уюрчи Дамкӯли ноҳияи Мингбулоқи вилояти Наманган муассисаи давлатии томактабии рақами 57-умро ба истифода супурданд.*

*Муассисаи мазкур бо ташаббуси ҳокимияти вилоят аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ аз нав сохта шуд. Ба корҳои бунёдкорӣ 3 миллиарду 650 миллион сӯм маблағ сарф гардид. Дар натиҷа, ба ҷойи боғчаи кухнаи дорои 50 ҷой, бинои муассисаи томактабии замонавии дорои 90 ҷой қад рост намуд. Аз ҳама муҳимаш, кӯдакони 3-7 солаи ҳудуд пурра ба ин маскани таълим ҷалб карда шуданд.*

***Дар акс:** муассисаи таълими томактабии маҳаллаи Уюрчи Дамкӯли ноҳияи Мингбулоқи вилояти Наманган.*

***Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ.***
***ЎзА.***

Маслиҳати шифокор

# БЕМОРИҲОИ ДАРУНРАВ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОНҲО

Дар ин рӯзҳои гарм авҷи бемориҳои сироятӣ ба мисли бемориҳои домана, исҳоли хун, салманелёз ба чашм мерасад. Сабаби хуруҷи бемориҳои дарунрав он аст, ки бактерияҳои чӯбчамикробҳои зараровар, стафилакок, стрептокок, диплакокҳои гирду атроф, ба организми одам ворид шуда, зарари худро мерасонанд ва ба бемориҳои шадиди меъдаю рӯда шахсро мубтало мекунанд.

Роҳҳои гузариши ин бемориҳо: алоқа бо бемор, ё ин ки бо шахси ҳомили ин беморӣ гирифтор шудан мумкин аст. Инчунин, ҳангоми истифода аз косаю табақи ашхосе, ки ба ин беморӣ гирифтор шудаанд, ба воситаи об ба организми одамони солим ворид мешавад.

Об дар кадом сурат сироят мекунад? Дар ҳолате ки оби лаби ҷӯю ҷӯйборҳоеро, ки аз назди ҳоҷатхонаҳо ва партовҳо ҷорӣ мешаванд, истифода мебаред, инчунин об ба воситаи пашшаҳо низ сироят мешавад. Дар вақти аз қубури зеризаминӣ дар сатил об гирифтан, бояд даҳонпӯши онро маҳкам кунем, то ки ба он пашшаҳо нашинанд. Боз ин бемориҳо дар натиҷаи риоя накардани гигиенаи шахсӣ пайдо мешаванд, яъне барангезандаи ин бемориҳо ба организм ворид шуда, зарари худро мерасонанд. Дар фасли гарми ҳаво барангезандаҳои бемориҳое, ки дар боло зикр кардем, дар гирду атроф зуд афзоиш меёбанд ва сабаби сар задани ин бемориҳо мешаванд. Ғизое, ки муҳлати истифодабариаш гузаштааст, низ метавонад сабаби пайдоиши ин гуна бемориҳо гардад.

Сабаби дарунравии кӯдакон дар чист? Сабабаш нодуруст ғизо додани кӯдакон мебошад, ба ҷои шири модар ба кӯдак хӯрокҳои серғизо ва сахт медиҳанд, ки ин ҳам ба бемории дарунрав оварда мерасонад, чунки кӯдакон барои ҳазм кардани ин гуна ғизо тайёр нестанд.

## Аломатҳои беморӣ

Давраи ниҳоии бемории шадиди меъдаю рӯда аз якчанд соат то 3–6 шабонарӯз мебошад. Беморӣ ногаҳон сар мешавад – бо дамиши шикам, дарди шикам, беҳолӣ, баландшавии ҳарорати бадан, дилбеҳузурӣ, қайкунӣ ва дарунравии зуд-зуд. Дар бемории салмонелёз ранги наҷосот сабзи сиёҳчатоб бо парда ва дар бемории исҳоли хунин бо парда ва хун, дар дигар бемориҳои дарунравӣ ва бемориҳои шадиди меъдаю рӯда наҷосот тез-тез, яъне 10-15 маротиба дар як шабонарӯз буда, зард ва тунук мегардад, фишори хун паст мешавад, набз зуд-зуд мезанад. Даҳон, лабон ва пӯсти бемор хушк мешавад, дар натиҷа ӯ ба оризаҳо гирифтор мешавад. Садамаи гиповалемӣ, яъне камшавии оби бадан пайхас карда мешавад. Дар вақти дарёфти ин гуна аломатҳо ҳатман доруи регидронро истифода баред ва ба шифокор муроҷиат намоед.

## Пешгирӣ

Дар вақти пайдошавии ин гуна бемориҳо ҳатман беморро ба мутахассисон нишон дода, аз табобати дуруст истифода баред, зарфҳои хӯроки ӯро ҷудо кунед. Агар шифокор дар беморхона хобиданро тавсия диҳад, рад накарда, табобати статсионарӣ бояд гирифт. Тозагии худ ва гирду атрофи хонаатонро риоя кунед. Ҳама вақт дастонатонро бо собун шӯед. Аз оби ҷӯшонидашуда истифода баред, ҳоҷатхонаҳо ва ахлотпартовҳоро аз назди ҷӯйборҳо дур кунед, бо пашша мубориза баред, меваю сабзавотро шуста, баъд истифода баред, обҳои зарфро бо сарпӯш маҳкам нигоҳ доред. Ҳар шахс мувофиқи талаботи маркази санитарии эпидемиологӣ бояд дар 6-моҳ ё 1-сол як бор аз муоинаи тиббӣ гузарад.

**Юсуфалӣ ГУЛОВ,**
**сардухтури бемориҳои сироятии ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

# ТАЪМИРИ ОБЪЕКТҲОИ МЕРОСИ МАДАНИИ БУХОРО

***Дар Бухоро 829-то объектҳои мероси маданӣ мавҷуд буда, бо мурури замон онҳо таъмиру таҷдид мехоҳанд. Бо ин мақсад моҳи марти соли ҷорӣ қарори дахлдори Девони Вазирон қабул гардидааст. Аз ҷумла таъмиру таҷдиди 25-то объектҳои мероси мадании Бухоро ба нақша гирифта шуда, барои онҳо аз буҷаи давлат 57,5 миллиард сӯм маблағ ҷудо карда шудааст.***

Ҳоло дар ҳашт объект: маҷмӯи «Арк», мадрасаҳои «Абдуллохон», «Абдулазизхон», «Амир Олимхон», масҷидҳои «Масҷиди Калон», «Хӯҷаи Калон», ёдгории «Хонаи Тӯрақулбой» ва маҷмӯи «Қизбибӣ»-и ноҳияи Ҷондор ҷараёнҳои азнавбарқароркунӣ оғоз ёфтааст. Ин ҷараён аз ҷониби устоҳои гулдасти «Маркази таъмири минтақавии Бухоро» ба амал татбиқ мегардад. Ҷараёни ба таъмир омодасозии ҳуҷҷатҳои дахлдори объектҳои дигар дар арафаи анҷомёбист.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**




## АЗ ҲАЁТИ АДИБОНИ БУЗУРГИ ФОРС-ТОҶИК

Дар нимаи дуюми асри XV ба Ҳирот аз шаҳрҳои гуногун толибилмон ва ҷавонони эҷодкор барои таҳсил ва аз имтиҳони адибони бузург – Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ гузаштан меомаданд. Онҳо дар ин ҷо истеъдоди худро такмил медоданд, ба ашъори шоирони бузурги гузашта назира мегуфтанд ва дар ҷамъомадҳои худ шеърҳои якдигарро муҳокима мекарданд. Ҷомӣ асарҳои онҳоро хонда, дар охир ба шоирони ҷавон маслиҳат медод. Ҳатто ҷавонони болаёқатро ба наздаш даъват карда, аз онҳо имтиҳон мегирифт. Масалан, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Бадриддини Ҳилолӣ ва Мавлоно Ҳотифӣ (хоҳарзодаи Ҷомӣ) аз имтиҳони устодони мактаби адабӣ бомуваффақият гузашта буданд.

***

Камоли Хуҷандӣ дар соли 1321 дар шаҳри Хуҷанд дида ба ҷаҳон кушодааст. Ӯ баъди сафари ҳаҷ ба Макка, дар шаҳри Табрез монд ва дигар ба зодгоҳ барнагашт. Шоир дар Табрез зиндагии ороме ёфта, вопасин рӯзҳояшро низ дар ин шаҳр гузаронд. Бо дастури Султон Увайс барои шоир дар домани хушбоду ҳавои Волиёнкӯҳ хона ва боғ бунёд гардид ва хонақоҳи Камол ба маҷлисгоҳи шоирону орифон табдил ёфт.

Шайх Камол, ҳангоми тохтутози Тӯхтамишхон ба Табрез, ҳамроҳ бо дигар асирону ғаниматҳо ба шаҳри Сарой бурда шуд ва чаҳор сол (ё ёздаҳ сол) дар он шаҳр монд. Асорату ғурбатро бо ёди Табрезу дӯстони табрезияш ба сар бурд ва ниҳоят дубора ба Табрез баргашт.

Камоли Хуҷандӣ соли 1401 дар Табрез даргузашт ва дар боғаш ба хок супорида шуд. Дар канори оромгоҳаш наққошон Камолиддини Беҳзод, Султон Муҳаммади Наққош ва шоир Машрабии Шервонӣ низ ба хоби абадӣ рафтаанд.

Таҳияи **А.КОМРОН.**

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ГРАФИКА

Графика (вожаи юнонӣ — graphike ва grapho ба маънои менависам, нақш, расм мекашам) навъи санъати тасвириест, ки сиёҳқаламӣ ва асарҳои нафиси чопӣ (ҳаккокӣ, литография ва ғ.)-ро дар бар гирифта, ба санъати наққошӣ (расмкашӣ) асос ёфтааст. Графика дар ибтидо ба маънои хат ва санъати хаттотӣ низ меомад. Асоси санъати графика усули песа (моҳирона ба кор бурдани тобишҳои ранги сиёҳу сафед) мебошад. Аз ин рӯ, дар графика баръакси дигар навъҳои санъати тасвирӣ, хелҳои гуногуни ранг кам истифода мешавад. Ғайр аз ин, тавре ки дар асарҳои наққошӣ дида мешавад, тафсилоти пурраю мукаммал хоси графика нест.

Графика бино ба таъиноташ, ба графикаи дастгоҳӣ (сиёҳқаламии дастгоҳӣ), китобӣ, рӯзномаву маҷаллавӣ (тасвир, санъати ороиши китоб), амалӣ (марка, эълоннома, диплом, ифтихорнома) ва плакат ҷудо мешавад.

Дар графика, баробари асарҳои навъи дигари санъат — наққошӣ, пайкарасозӣ, меъморӣ низ офарида мешаванд.

Графика аз давраи Эҳё инҷониб барои ифодаи ғояҳои пешқадам, тараннуми зебоии табиат, аз зиндагии инсон, инчунин, инъикоси ҳаёти маданӣ ва сиёсии халқҳо нақши муҳим доштааст.

Бисёр наққошони ҷаҳон Микеланжело. А. Дюер, Х. Рембрант. К. Хукосой, О. Дом, Ф. Мазерел, П. Пикассо, К. Коливис. В. Серов. В. Фоворский ва дигарон дар графика мумтоз будаанд.

Графикаи мардуми форсигӯй таърихи қадимӣ дорад ва бино ба маълумоти сарчашмаҳо намунаҳои он дар «Авасто», «Аржанг» дарҷ ёфтаанд, вале онҳо то замони мо нарасидаанд. Инчунин, дар мураққаъҳо (пораҳои матои гуногуни ба ҳам дӯхташуда, куроқ) низ ба намунаҳои мукаммали асарҳои графикӣ метавон дучор омад.

Навъҳои гуногуни графика, аз ҷумла, сиёҳқаламиро намояндагони мактаби минётури форс-тоҷик Беҳзод, Қосималӣ, Ризо ва дигарон истифода бурдаанд.

Ба инкишофи графика махсусан равнақ ёфтани чопи китоб ва инкишофи матбуоти даврӣ таъсири назаррас гузошт. Аз ҷумла, графикаи тоҷик, алалхусус, графикаи рӯзнома, маҷалла ва плакат, ҳанӯз дар аввали солҳои 20-уми садаи XX инкишоф ёфта буд. Дар ташаккули он рӯзномаи «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик» (бо иловаҳои мусаввари «Ширинкор», «Ҷаҳоннамо») ва маҷаллаҳои «Роҳбари дониш», «Мушфиқӣ» нақши муҳим доштанд.

Графика, махсусан графикаи китобӣ, солҳои 30-юм баробари кушода шудани комбинатҳои полиграфӣ, дар Осиёи Марказӣ инкишоф ёфтанд. Дар давраи ҷанг ва баъди ҷанг маҳорати касбии графикҳо баланд ва доираи мавзӯи эҷодиёташон васеътар гардид. Имрӯз низ бо усули графика осори баландмазмун офарида мешавад.

Таҳияи **Д. АБДУЛЛОЕВ.**

## ҚАССОБ

*(Ҳикояи воқеӣ)*

Як рӯзи истироҳат буд. Ману модарам дар боғ ангур мекандем. Тамошои ангурҳои рангоранг завқ мебахшид. Сарҳои ба андозаи остинча калон-калони ангур ба зудӣ сабадҳоро пур мекарданд. Аз ин равиши кор худам низ илҳом гирифта, суръати кор меафзудам. Мехостам ҳар чӣ кору бори модарам сабуктар гардад. Дар як муддати кӯтоҳ хеле ангур кандем. Аз як ҷӯяк ба ҷӯяки дигар гузашта, дар сифати ангур ин шеърро, ки бо ин сатр оғоз меёфт:

«Саҳар хезу бирав аз тоифӣ хӯр...» мехондам.

Ин ҳангом банохост, аз тарафи боғи ҳамсоя садои доду фарёди духтарон баланд шуд. Онҳо касеро ба ёрӣ даъват менамуданд. Ман саросема корро хобонда ба сӯйи боғи ҳамсоя давидам. Баробари расида рафтанам, шоҳиди воқеаи аҷибе шудам. Он ҷо бузи сараш дар байни ду танаи дарахт мондаи ҳамсоя талвосаи ҷонканӣ дошт. Бузи баднафс бо мақсади хӯрдани баргҳои шохи дарахт ба танаи он рост шуда, ба нохост сараш дар байни ду танаи дарахт афтода, нафасгардон шудааст. Аз ин воқеа духтарҳо дер хабардор шуда, ҳарчанд зӯр задаанд, бузро халос карда натавонистаанд. Зани ҳамсоя аз пайдо шудани ман гӯё, ки ҷон гирифта бошад, гуфт:

– Ҳамсоя, тезтар гардеду сари бузро буред, набошад мемурад! Бузро бо сад азоб аз байни танаҳои дарахт баровардам, лекин буридани сари он мушкили дигар буд. Ман, ки аз ин пеш ҳатто сари гунҷишкро набурида будам, дар ҳолати ногувор мондам. Агар мегуфтам, ки ман аз ӯҳдаи ин кор намебароям, шармандагӣ буд, зеро дар он гирду атроф ба ҷуз ман дигар мардинае набуд. Корро низ ба таъхир андохтан лозим набуд, чунки буз ҳаром мешуду оилаи ҳамсоя бебаҳра мемонд. Маро ҳисси ҷавонмардӣ боло гирифту кордро аз дасти ҳамсоязан гирифта наздики буз омадам. Бузи бечора базӯр хирхир нафас мегирифт. Бо тарс кордро ба гулӯяш рондам. Намедонам, корд кунд буд ё ҳунари ман, теғ гулӯи бузро намебурид. Баъди чанд бор бо зӯри даст кордро болову поин рондан, хуни бисёре аз гулӯи буз ҷорӣ шуд. Сипас, мисли қассобони касбӣ теғи хунолудро бо пашми бузи беҷоншуда тоза карда, ба болои танаш гузоштам. Ҳама аъзои оилаи ҳамсоя дар тамошои ин манзара буданд. Ҳамсоязан дар атрофам парвонавор даврзанон мегуфт:

– Раҳмат, ҳамсояҷон! Шукри Худо, ки шумо будаед, набошад бузамон ҳаром мешуду кӯдакони ман аз хӯрдани гӯшти он бенасиб мемонданд.

Баъди ин ман иҷозат пурсида, хостам пайи кори худ равам. Аммо ҳамсоязан ба ҳолу ҷонам намонда, хоҳиш намуд, ки бузро гӯшту пӯст кунам.

– Мардакам дар хона нест. Агар шумо ин корро накунед, кӣ мекунад? – гуфт илтиҷоомез зан.

Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам. Мани нокарда ҳайрон будам, ки ин мушкилро чӣ гуна ҳал намоям. Ноилоҷ паси сар хоридаму пайи иҷрои кор шудам. Афсӯс аз он мехӯрдам, ки чаро ҳангоми қассобиҳои падар, ба сабаби раҳмдилӣ, аз ин кор дурӣ ҷустаам. Агар раҳмдилиам намебуд, дар ин лаҳзаҳо далертару чобуктар сари кор мегирифтам. Худро маломаткунон ба кор часпидам. Бо сад азобу дору мадор бузро барои пӯстканӣ овехтам. Ҳангоми пӯстканӣ аз куҷо хабар ёфта занбӯрҳо ба гӯшт ҳуҷум сар карданд. Онҳо гӯё ба қассобии ман таъна мезаданд, ки села-села гирди сарам ҳуҷумкунон чарх мезаданду ғингғингкунон ба гӯшт мечаспиданд. Дар ин лаҳзаҳои барои ман душвор, ки сару рӯям ғарқи арақ шуда буду аз ҳар тори мӯи сарам қатра-қатра об мешорид, худро маломаткунон мегуфтам:

– Эй нокардакор, туро ба ин кор чӣ кор!

Бо вуҷуди душвориҳо, аз кушода шудани сири беҳунарии худ ба атрофиён шарм дошта «сар равад равад, ки сир наравад» гӯён, корро идома додам. Бо корд ба сари як занбӯри дар гӯшт нишаста задам. Занбӯр аз зарбаи корди ман, ки на он қадар сахт буд, ба осонӣ халос хӯрда, ба худам ҳуҷум кард. Он бадбахти бағазабомада ғингосзанон гирди сарам чарх заду ба рӯям неш зад. Дуюмаш «найза»-ашро ба болои чашми рост халонд. Дарди ҷонкоҳи неши занбӯр, болои сӯхта намакоб, маро бештар нороҳат сохт. Лекин «сари кафида зери тоқӣ» гӯён дандон ба дандон монда тоқат намудам. Аз саросемагӣ ҳангоми пӯстканӣ корди рондаам як ангуштамро бурид. Аз ҳаяҷону изтироб ва даступохӯриҳо либоси дар танам буда, мисли оне ки дар ҳавзи об афтода бошам, ғарқи арақ шуд. Хушбахтона, корро ба анҷом расонидам. Узвҳои бузро қисм-қисм ҷудо карда дар лаган назди ҳамсоязан гузоштам. Ҳарчанд ӯ хоҳиш дошт, ки нишинам ва гӯшт пухта диҳад, аз сӯзиши чашму рӯ хайру хушро нася карда аз хонаи ҳамсоя бадар шудам.

Бегоҳӣ духтари ҳамсоя ҳаққи қассобии маро овард. Завҷаам тӯшаи овардаи ҳамсоядухтарро кушод. Он ҷо гардани буз ва як коса гӯшти бирён меистод. Ҳама аъзои оила сари дастархон ҷамъ омаданд. Онҳо бо ҳазлу шӯхӣ гӯшт мехӯрдаду ба ҳоли мани қассоб, ки аз ғояти варами рӯю чашм атрофиёнро базӯр мешинохтам, механдиданд. Ангушти докапечам аз ҳаракат монда буд. Баъди ин воқеа чанд вақт номи қассобро бардошта гаштам.

**Илҳом ХИДИРОВ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Нормурод КАРИМЗОДА

## ВАТАН

*Ватан – гаҳвораи тифлони маъсум,*
*Гулафшонбоғу даштободи деҳқон.*
*Камингоҳи ҳунаромӯзи сарбоз,*
*Иқоматҷои роҳатбахши ҳар ҷон.*

*Ватан – маъвои худогоҳу зирак,*
*Диёри родмардони фидоӣ.*
*Ватан – сабзошёни меҳрпайванд,*
*Ки ин пайванд бошад мӯмиёӣ.*

*Ватан – уммедгоҳи ҳар мусофир,*
*Тамошогоҳи сайёҳони дунё.*
*Аҷаб марзи фараҳафзову соҳир,*
*Макони зиндагиву маргу эҳё.*

*Ватан – овардгоҳи марди майдон,*
*Сарои хунбаҳои нангу номус.*
*Ватандорон фақат миранд аз дард,*
*Намегарданд нофарҷому манҳус.*

*Ватан – парвонаи шамъи саодат,*
*Таваллудхонаи тифли ташаббус.*
*Ғароиб бӯстони сарфарозӣ,*
*Ҷаҳонӣ хунбаҳои нангу номус.*

## МОДАРУ ФАРЗАНД

*Модарон рӯзе, ки кӯдакро ба дунё оваранд,*
*Хонадон шодоби меҳр, олам гулистон мешавад.*
*Субҳидам хуршеди ховар нурбор гардад дучанд,*
*Шомгаҳ моҳи само ҳам шӯълаборон мекунад.*

*Тифлаки навзодро бигрифта модар дар бағал,*
*Бо муҳаббат бар забон орад дуои хайри хеш.*
*То шавад умраш дарозу тансиҳат, андешавар,*
*Мекашад ранҷи зиёди рӯзгор ин синареш.*

*Лаззати шири сафедаш рӯҳбахши ҷону тан,*
*Роҳ гаштанро биомӯзад навозишҳои ӯ.*
*Аввалин ҳарфе, ки шуд вирди забон:*
*“Модар-ватан”,*
*Маърифатро касб кардам аз ниёишҳои ӯ.*

*Кӯдаки навзод ҳоло меравад пушти падар,*
*Бинад ӯ авзои ин олам ба чашмони хирад.*
*Ахтараш дар осмони худфурӯзӣ ҷилвагар,*
*Нақшаҳои навбанавро ӯ ба манзил мебарад.*

*Дар миёни халқ дорад шуҳрату овозае,*
*Ҳамчу фозил, роҳбар, соҳибнишони ин замон.*
*Посбону ҷоннисори ин Ватан – зебо диёр,*
*Модарашро дӯст дорад, дӯст дорад ӯ зи ҷон.*

*Бухоро аз азал ба сифати макони соҳибкору ҳунармандон шуҳрати офоқ буд. Дар ин ҷо самтҳои гуногуни ҳунари амалии халқ, хоссатан, зардӯзӣ, заргарӣ, кашидадӯзӣ хеле рушд кардааст. Яке аз зардӯзони номии ин диёр Бахшулло Ҷумъаев китобе бо номи «Мактаби зардӯзӣ» таълиф намудааст, ки доир ба таърих ва анъанаҳои ин ҳунар мебошад.*
***Дар акс:*** *рафти омода кардани матои зардӯзӣ.*

***Аксбардор: Тоҳир ИСТАДОВ (ӮзА).***



## Латифаҳо

### Суҳбати ду дӯст

– Духтари дӯстдоштаи ман мисли телефони мобилӣ аст.
– Ба кадом маънӣ?
– Вақте дар ҳисобсуратам пул нест, бо ӯ суҳбат кардан намешавад.

### Ба навбат гап назадед?

Духтаре ба устои телефон рӯ овард:
– Намедонам бо телефонам чӣ шудааст, бо дугонаам суҳбат кунам, ҳеч якдигарро фаҳмида наметавонем.
– Шумо бо навбат суҳбат карда надидед?

### Ҷавоби ронанда

Нозири роҳ автомобилеро дошт, ки ронандааш зан буд. Вай ба ӯ савол дод:
– Чаро вақте ки чароғаки сурх фурӯзон буд, наистодед?
Зан бо ноз гуфт:
– Лабам сурх, лабсурхкунакам сурх, куртаву туфлиҳоям сурх ва ранги мошинам сурх бошад, ман чӣ хел даргирифтани чароғаки сабзро мунтазир мешудам?

### Шикояти мард

Марди майзадае ба ҳамқадаҳаш гуфт:
– Зани ман аз майзадагӣ ранҷ мекашад.
– Чӣ, бисёр менӯшад?
– Не. Ман менӯшаму ҷони вай дар азоб.

Таҳияи **Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

## БАДАХШОН АЗ ДИДГОҲИ МИР АЛИШЕР НАВОӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Навоӣ дар бораи маснавинависи сермаҳсул – Мавлоно Абдусамади Бадахшӣ ҳам бисёр суханҳои нек гуфтааст. Навоӣ қайд мекунад, ки Абдусамади Бадахшӣ дар яке аз байтҳои маснавии худ ба суханбозиҳо роҳ дода, қофия ва ташбеҳи нодуруст истифода мекард. Навоӣ менависад: ман ҳангоме ки ба нодурустии маснавии ӯ ишора мекардам, ӯ ба фикрам розӣ шуда, ба ман изҳори ташаккур кард. Ин воқеа боиси дӯстии мо гардид, маснавиҳое, ки Абдусамади Бадахшӣ менавишт, дар маросимҳо, тӯйҳо сароида мешуданд. Мо дар инҷо гуфтаҳои Навоиро айнан мебиёрем: «Мавлоно Абдусамад Бадахший – ҳам Бадахшонидур. Султон Абусаид Мирзо замонида Ҳиротга келди. Подшоҳ унга ӯз тарихи берди. Маснавигӯй ва мусанниф киши эрди. Бир байтида таҷнис хаёл қилиб, қофиясин ғалат қилиб берди, фақир уни воқиф қилғич филҳол муттанаббеҳ бӯлди ва изҳори миннатдорлиғ ҳам қилди ва бу иш унинг била фақир орасида ошноликқа сабаб бӯлди, тӯй таърифида ва гуяндалар зикрида унинг маснавийсиндурким:

*Зи моҳӣ ҳаё-ҳӯй*
*то моҳ буд,*
*Сари овозашон,*
*ҷонам Аллоҳ буд».*

Аз таърих маълум аст, ки дар расадхонаи Улуғбек ба мисли Алии Қушчӣ (Птоломейи Шарқ) (1324-1428), Қозизодаи Румӣ, Ҷамшед ал-Кошӣ, Ал-Самарқандӣ, Мавлонои Бадахшӣ ном риёзидон ва ситорашинос ҳам кору фаъолият мекард. Алишер Навоӣ менависад, ки Улуғбек Мавлоно Бадахширо барои дониши мукаммал ва бениҳоят софдилиаш эҳтиром мекард. Ба гуфти Навоӣ, шоирони самарқандии ҳамон давр (Мавлоно Муъмини Самарқандӣ, Орифи Фурқатӣ, Мавлоно Ҷавҳарӣ, Мавлоно Ховарӣ, Мавлоно Риёзӣ ва ғайра) Мавлоно Бадахширо на танҳо риёзидон, ситорашиноси боистеъдод, балки ҳамчун шоири ширинсухан эътироф мекарданд.

Бояд гуфт, ки Ҳазрати Навоӣ дар рисолаи худ дар бисёрии ҳолатҳо ба мазҳаби ин ё он шоир (шиа, суннӣ, сӯфӣ) ишора мекунад. Аммо ба шоирони бадахшии ҳавзаи Ҳирот, ё давраи темуриён, мансубияти онҳоро ба ин ё он мазҳаб ишора накардааст. Ин ҳолат, ба назарам, ду сабаб дошт. Аввал ин, ки темуриён ба мазҳаби исмоилия мухолифат мекарданд ва исмоилиёнро шадидан таъқиб мекарданд. Дувум ин, ки назарияи ақлонии (ратсионалистӣ) исмоилиён ва ботинӣ доштани таълимоти қуръонӣ дар мазҳаби тасаннун қобили қабул набуданд. Бинобар ин шоирони исмоилимазҳаб, тибқи таълимоти исмоилия тақия (ақли солим) – мазҳаби худро дар байни суннимазҳабон мармуз мекарданд. Умуман, тибқи тафаккури бисёрии зиёиёни бадахшӣ давлатдории темуриён ба асоси «ақли солим» ҷойгузин нашудааст. Бесабаб нест, ки бисёрии бадахшониён дар назди амалдорони темурӣ сар хам намекарданд, даст бар сина намегузоштанд.

Азбаски Ҳазрати Навоӣ худаш сӯфӣ буд ва ба тариқати нақшбандия, ба мисли Ҷомӣ, шомил буд ва дар байни таълимоти исмоилия ва тасаввуф дар масъалаи фаҳмиши ақли кулл, ботин ва зоҳир, мақоми инсон дар олами ҳастӣ, моҳияти шариат умумият буд, ба исмоилиён эҳтиром дошт. Аз ин сабаб Навоӣ аз нишондоди мазҳаби шоирони бадахшӣ худдорӣ мекард. Бесабаб нест, ки Навоӣ дар рисолаи дигари худ «Насойим-ул-муҳаббат» ба асосгузори таълимоти исмоилия дар Бадахшон Ҳаким Носири Хусрав басе баҳои баланд дода, нисбати ӯ илтифоти амиқ зоҳир мекунад. Ӯ менависад: «Саид Носири Хусрав – Бадахшон кӯҳистонида бӯлур эрмиш. Бағоят мумтоз киши эрмиш. Кӯҳистон аҳли бошдин аёқ унинг муридидурлар ва шоҳ Носир Хусрав била таъбир қилурлар. Зоҳир улумин хейле кӯрган эрмиш ва ботин илмин доғи риёзат ҷиҳатидан ҳосил кӯргондир, аммо бу тоифанинг унинг мазҳабида таънлар бор ва бу таън гуё «Рушноинома»сида мазкур бӯлғон абёти ҷиҳатидиндурки, ҳаким мазҳаби равишида воқеъ бӯлибдир ва мазори кӯҳистондадур». (Навоӣ, ҷ. 15, Тошканд, 1968. С.18.)

Умуман, Навоӣ ҳамчун мутафаккир, шоири инсонпарвари замони худ нисбат ба Бадахшон ҳамчун макони беназири табиат муносибат мекард ва онро чун қисмати муҳими ҳаёти мардуми Хуросон ва Мовароуннаҳр медонист.

**Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,**
**доктори улуми фалсафа, профессор.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 4722 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.